# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертасияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи **«Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пешниҳод гардидааст.

Рисолаи Толибзода У.О. ба мавзуи таҳқиқи Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ ба вазъи оби нушокии ду шаҳри ҷумҳурӣ Душанбе ва Кулоб бахшида шудааст.

**Муҳимияти мавзӯъ.** Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии хушсифат натанҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми мамолики дунё яке аз масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок башумор меравад. Дар навбати худ, масъалаи таъминоти оби нӯшокӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот хусусияти хоси худро дорад. Сифати оби нӯшокӣ новобаста аз дигаргуншавии сохтори шаҳрдорӣ, рушди инфрасохтор ва соҳаи кишоварзӣ аҳамияти худро гум накарда, дар ҳама давру замон ва шароитҳои мухталиф, масъалаи муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ дар шароити шаҳрҳо ва чӣ дар деҳот таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар аксариятҳо ҳолатҳо аз обҳои рӯизаминӣ сарчашма мегирад. Ҳамчун қоида оби дарёҳои Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хос доранд. Ҳамзамон, вобаста ба кӯҳсор будани ҳудуди кишвар таъминоти аҳолӣ бо оби хушсифат талаботҳои махсуси худро касб намудааст.

Шаҳри Душанбе бештар аз 60% аз ҳисоби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва дарёи Варзоб бо оби нӯшокӣ таъмин карда мешавад. Дарёи Варзоб, яке аз шохобҳои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон маҳсуб ёфта, қисмати бештари сокинони шаҳри Душанберо бо оби нӯшокӣ таъмин мекунад. Дар болооби дарёи Варзоб ҳаргуна корхонаҳои коркарди маъдан, канданиҳои фоиданок ва дигар объектҳои рекреатсионӣ рушд кардааст, ки боиси паст шудани сифати оби нӯшокӣ гардидаанд. Дар баробари ин, бо сабабҳои таъсири тағйирёбии иқлим сол аз сол микдор ва сифати об низ тадриҷан тағйир ёфта истодааст.

Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии хушсифат натанҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми мамолики дунё яке аз масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок башумор меравад. Дар навбати худ, масъалаи таъминоти оби нӯшокӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот хусусияти хоси худро дорад. Сифати оби нӯшокӣ новобаста аз дигаргуншавии сохтори шаҳрдорӣ, рушди инфрасохтор ва соҳаи кишоварзӣ аҳамияти худро гум накарда, дар ҳама давру замон ва шароитҳои мухталиф, масъалаи муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ дар шароити шаҳрҳо ва чӣ дар деҳот таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар аксариятҳо ҳолатҳо аз

обҳои рӯизаминӣ сарчашма мегирад. Ҳамчун қоида оби дарёҳои Тоҷикистон хусусиятҳои ба худ хос доранд. Ҳамзамон, вобаста ба кӯҳсор будани ҳудуди кишвар таъминоти аҳолӣ бо оби хушсифат талаботҳои махсуси худро касб намудааст.

Шаҳри Душанбе бештар аз 60% аз ҳисоби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва дарёи Варзоб бо оби нӯшокӣ таъмин карда мешавад. Дарёи Варзоб, яке аз шохобҳои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон маҳсуб ёфта, қисмати бештари сокинони шаҳри Душанберо бо оби нӯшокӣ таъмин мекунад. Дар болооби дарёи Варзоб ҳаргуна корхонаҳои коркарди маъдан, канданиҳои фоиданок ва дигар объектҳои рекреатсионӣ рушд кардааст, ки боиси паст шудани сифати оби нӯшокӣ гардидаанд. Дар баробари ин, бо сабабҳои таъсири тағйирёбии иқлим сол аз сол микдор ва сифати об низ тадриҷан тағйир ёфта истодааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла "Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ барои давраи солҳои 2008 – 2020", "Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2025" ва лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар доираи мавзуъҳои «Коркард ва санҷиши технологияи истеҳсол ва истифодабарии коагулянтҳо ва флокулянтҳо аз ашёи хоми маҳаллӣ баҳри тоза намудани обҳо» (РБ №ТД2002 Р1196) ва «Тадқиқоти таркиби химиявии обҳои равон ва табиии ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи усулҳои муосири тозакунии об» (РБ №0107ТД677), таҳия карда шудааст.

**Эроду пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Пешниҳод карда мешавад, ки бо мақсади ташкили бонизоми назорат оид ба ҳолати манбаҳои обии маҳалҳои таҳқиқшуда ва нишондиҳандаҳои физикию химиявӣ ва микробиологии обҳо махзани маълумотҳо таъсис дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки идоракунии ҳолати гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои обӣ дуруст ба роҳ монда шуда натиҷаҳои таҳқиқотҳо оид ба истифодаи усули электротакшонкунӣ барои коркарди манбаҳои обии нуктаҳои аҳолинишини деҳаҳои Ғелот, Даҳана ва Зиракии минтақаи Кӯлоб имкон медиҳанд, ки ҷиҳати таъмини бехатарии таъсири бактериологӣ чораҳои саривақтӣ андешида шаванд.

Пешниҳод менамоем, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва арзёбии сифати оби нӯшокӣ дар ҳар як нуктаи аҳолинишин низоми мутамаркази обтаъминкунӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурӣ барои тоза намудани об бунёд карда шуда, ҳамзамон дар мавриди тозакунии об бештар аз маъданҳои маҳаллӣ, аз қабили гилҳои бентонитӣ ва усулҳои электротакшонкунӣ истифода бурда шавад.

Дар шаҳри Душанбе шумораи ҳавзҳои обтозакунӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ бо талаботи рузафзуни аҳолӣ зиёд карда шаванд.

Хулоса, диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021 №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти
кафедраи “Обтаъминкунӣ, обихроҷӣ
ва ҳифзи захираҳои обӣ”- и ДТТ
ба номи академик М.С. Осимӣ _________________ Марамов М.Б.

**Суроға:** 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 3
бинои 3, ҳуҷраи 32.
Телефон: (+992) 935427763
E-mail: mirgul_1989@mail.ru

Имзои номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи “Обтаъминкунӣ, обихроҷӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ”- и ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Марамов М.Б. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсус ________________________ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроғаи муассиса:**
734042, шаҳри Душанбе,
хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
Tel.: (+992 37) 2213511
E-mail.: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj

“12” 03 соли 2026